## Тақризи

**муқарризи расмӣ ба рисола ва автореферати Ашурмадов Қиматалӣ Машарифович дар мавзӯи «Таҳлили муқоисавии пешояндҳои ифодакунандаи замон ва самту ҳаракат дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ (дар асоси «Ёддоштҳо»-и Садриддин Айнӣ)» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илми филология аз рӯйи ихтисоси 10.02.20 - Забоншиносии муқоисавӣ-таърихӣ, қиёсӣ ва муқоисавӣ**

Истиқлолияти Ҷумҳурии Тоҷикистон барои таҷдиди арзишҳои миллӣ ва посдории асолати забони миллӣ имкониятҳои бесобиқаеро фароҳам овард, ки дар заминаи он илми забоншиносии тоҷик ба дастовардҳои бемисли илмӣ ноил гардидааст. Дар ин замина, таҳқиқи пешояндҳо ҳамчун воситаи муҳимми грамматикӣ дар ташаккули воҳидҳои гуногун ва конструксияҳои мухталифи забон яке аз самтҳои назаррас ва қобили қабул муаррифӣ мешавад. Баррасии вижагиҳои маъноиву грамматикии пешояндҳо, шарҳи грамматикии воситаҳои ёвари ҳиссаҳои нутқи забони тоҷикӣ дар асоси муқоиса бо забони англисӣ яке аз масъалаҳое аст, ки тайи чанд соли охир диққати муҳаққиқони тоҷикро ба худ ҷалб намудааст. Бинобар ин, таҳқиқоти Ашурмадов Қиматалӣ Машарифович яке аз масъалаҳои басо таҳқиқталабро фаро гирифта, ба ҷанбаҳои ҳалталаб ва мубрами грамматикаи тоҷик равшанӣ андохтааст. Диссертатсия ба таҳқиқи пешояндҳои ифодакунандаи самту ҳаракат дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ бахшида шуда, дар он пешояндҳои ифодагари самту ҳаракат дар забонҳои муқоисашаванда, ҳам аз нигоҳи сохтор ва ҳам аз ҷиҳати маъно мавриди баррасӣ қарор дода шудааст.

Чи тавре, ки диссертант қайд намудааст, аҳамияти пажуҳиши ин масъала аз он иборат аст, ки дар забоншиносии тоҷик роҷеъ ба ин мавзуъ кори алоҳидаи таҳқиқотӣ анҷом наёфтааст. Аз ин рӯ, пажуҳиши Ашурмадов Қиматалӣ Машарифович дар мавзӯи «Таҳлили муқоисавии пешояндҳои ифодакунандаи замон ва самту ҳаракат дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ (дар асоси «Ёддоштҳо»-и Садриддин Айнӣ)» ба сифати диссертатсияи илмӣ басо мубраму муҳим ва саривақтию арзишманд муаррифӣ мешавад.

Ашурмадов Қ.М. асарҳои илмии олимони ватанӣ ва хориҷиро омӯхта, исбот кардааст, ки пешояндҳо ҳамчун воситаи ифодаи муносибати грамматикӣ ва семантикӣ миёни аъзоҳои ҷумла мавқеи муҳим доранд. Барои ба сомон расонидани кори илмии худ диссертант аз усулҳои муқоисавӣ ва типологӣ, таҳлили сохторӣ-семантикӣ истифода бурдааст, ки ба натиҷаҳои дилхоҳ соҳиб шудааст. Маводи диссертатсияро дар тадқиқотҳои минбаъдаи олимон дар соҳаи забоншиносӣ, дар курсу семинарҳои махсус аз фанни муқоисаи забонҳо ва таърихи онҳо истифода бурдан мумкин аст.

Навгонии илмии таҳқиқот дар он зоҳир мегардад, ки дар забоншиносии муқоисавӣ масъалаи хусусиятҳои типологии пешояндҳои ифодакунандаи замон ва самту ҳаракати забонҳои тоҷикиву англисӣ дар асоси маводи «Ёддоштҳо»-и Садриддин Айнӣ ва тарҷумаи англисии он бори нахуст мавриди таҳлил ва баррасӣ қарор гардида, вижагиҳои низоми сохтор, шаклгирии онҳо ва таҳаввули маъноии гурӯҳӣ мавриди таҳқиқи пешояндҳо дар асоси муқоисаи маводи забонҳои тоҷикиву англисӣ, мушаххас намудани хусусиятҳои типологии онҳо маҳаки навгонии илмии диссертатсияро нишон медиҳад. Ҳамзамон, ҷанбаи дигари навгонии таҳқиқоти мазкур ба масъалаҳои тасниф ва муқоисаи қолабҳои пешояндҳои ифодакунандаи замон ва самту ҳаракат дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ марбут аст.

Диссертатсияи мазкур аз муқаддима, се боб, хулоса ва феҳрасти адабиётҳои истифодашуда иборат аст.

Дар муқаддима диссертант вобаста ба талабот дар бораи мубрамии диссертатсия, мақсад ва вазифаҳои таҳқиқот, усулҳои таҳқиқот, маҳалли (объекти) таҳқиқот, мавзуи таҳқиқот, асосҳои назариявӣ ва методологияи таҳқиқот, сарчашмаҳои таҳқиқот, навгониҳои илмии таҳқиқот, нуқтаҳои асосие, ки ба ҳимоя пешниҳод мешаванд,аҳамияти назариявии таҳқиқот, аҳамияти амалии таҳқиқот, мутобиқати мавазуи диссертатсия бо шиносномаи ихтисоси илмӣ, саҳми шахсии муҳаққиқ, тасвиби амалии натиҷаҳои таҳқиқот, интишорот аз рӯйи мавзуи диссертатсия ва ҳаҷм ва сохтори диссертатсия маълумотҳои асосиро ворид намудааст.

Боби якуми диссертатсия «**Асосҳои назариявии омӯзиши пешояндҳо дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ**» унвон дошта, аз чор фасл иборат мебошад. Муаллиф дар боби зерин масъалаҳои таҳқиқи пешояндҳоро дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ муқоиса намуда, дар ин раванд мафҳуми пешоянд дар забоншиносӣ, ҷойгоҳи пешояндҳо дар забони форсии бостон, таркиби сарфии пешояндҳо ва гурӯҳбандии онҳо дар забонҳои муқоисашвандаро дар асоси сарчашмаҳои илмӣ шарҳ додааст. Хурсандиовар аст, ки муаллиф дар баъзе лаҳзаҳо фикру андешаҳои худро устувор монда, назари мушаххаси хешро роҷеъ ба доираи истифодаи пешояндҳо баён месозад.

Тибқи ақидаи муаллиф, пешоянд дар забонҳои муқоисашванда алоқаи наҳвиро вобаста ба маънои ибора ё ҷумла равшантар нишон дода, чун воситаҳои грамматикие, ки алоқаи байни калимаҳои тобеъкунанда ва тобеъшавандаро ифода мекунанд ва бар хилофи калимаҳои мустақилмаъно алоқаи синтаксисии дутарафаро ба амал меоваранд, яъне худи пешоянд ҳам ба калимаи асосӣ ва ҳам ба калимаи тобеъшаванда вобастагӣ дорад.

Мусаллам аст, ки пешояндҳо чун воситаҳои грамматикие, ки алоқаи байни калимаҳои тобеъкунанда ва тобеъшавандаро ифода мекунанд, бар хилофи калимаҳои мустақилмаъно алоқаи синтаксисии дутарафаро ба амал меоваранд, яъне худи пешоянд ҳам ба калимаи асосӣ ва ҳам ба калимаи тобеъшаванда вобастагӣ дорад. Ҳамин нуктаро ба эътибор гирифта, муаллифи рисола кӯшидааст, дар фасли якуми боби мазкур алоқамандии байни ин калимаҳоро нишон диҳад.

Инчунин, диссертант қайд менамояд, ки забони форсии қадим аз рӯйи хусусияти сохти грамматикии худ забони флективӣ ҳисоб мешуд, пешояндҳо дар ин марҳила якҷоя бо шаклҳои падежии ҳиссаҳои номии нутқ истифода мешуданд. Бо аз байн рафтани низоми падежӣ-флективӣ ва категорияи ҷинсият шаклҳои флективӣ тадриҷан ба шаклҳои тарзи аналитикӣ иваз шуда боиси васеъ гардидани маънои пешоянду пасояндҳо ва моҳияти грамматикии қисме аз онҳо мегардад.

Боби дуюм **«Хусусиятҳои типологии пешояндҳои ифодакунандаи замон дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ»** унвон дошта, шаш фасл дорад ва дар он вижагиҳои типологии пешояндҳои ифодакунандаи замони забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ таҳлилу баррасӣ мешаванд. Муаллиф дар боби зерин масъалаҳои таҳқиқ ва хусусиятҳои типологии пешояндҳоро дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ муқоиса намуда, дар ин раванд, аз андешаҳои забоншиносони хориҷӣ низ истифода намудааст. Хусусиятҳои муродифнокӣ, мувофиқати маъноӣ-сохторӣ ва ба ҳамин монанд масъалаҳо мавриди таҳқиқ қарор дода шудаанд.

Аз ҷумла, муаллиф дар фасли чоруми боби мазкур қайд мекунад, ки пешояндҳои таркибии номӣ низ монанди пешояндҳои аслӣ барои ифода намудани муносибатҳои умумӣ, абстрактӣ (замонӣ) байни ашё ва ё барои нишон додани чунин муносибатҳои ашё нисбат ба амал, ҳолат ва аломат хизмат мекунанд. Ба инҳо низ, монанди пешояндҳои аслӣ, нисбатдории ашёӣ хос нест, ба дунёи воқеият танҳо тавассути калимаҳои номӣ алоқа пайдо мекунанд. Дар таҳлил ва тасвири маводи марбут ба пешояндҳо серистеъмоливу камистеъмолӣ ва сохти сарфии онҳо ба назар гирифта шуданд: дар вақти, дар ҳангоми, дар замони, дар давраи, дар аснои ва ғ.

Гузашта аз ин, дар ҳарду забон пешояндҳое мавҷуданд, ки бавуқуоии ҳодисаву амалро дар як вақти муайян, яъне ибтидову интиҳои иҷроиши онро ифода мекунад. Диссертант дар ин боб ҳар як пешояндҳое, ки ба ин гурӯҳ мансубанд, шарҳ медиҳад.

Дар охири боби дуюм муаллиф ба хулосае меояд, ки дар ҳарду забон ду навъи алоқаи муродифиро байни пешояндҳо ҷудо менамоянд: муродифи пурра, ки бидуни маънои иловагӣ ва алоқаи пурраи ҷузъҳо бо ҷудо намудани маъноҳои иловагие, ки маънои қисми номии пешояндҳои таркибиро муайян мекунанд ва муродифҳои ҷуфт, ки ҳангоми ифодаи муносибати замонӣ пешояндҳои амсоли «қариби» ва «наздики, баъди, паси, баъд аз, пас аз», инчунин пешоянди «барои»-ро метавон ворид намуд. Шабоҳат байни пешояндҳои муродиф танҳо дар яке аз ҷузъҳои маъноии он дида мешавад.

Боби сеюм, ки аз шаш фасл иборат аст, **«Таҳлили муқоисавии пешояндҳои ифодакунандаи самту ҳаракат дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ»** номгузорӣ шуда, дар он вижагиҳои фарққунандаи пешояндҳои ифодакунандаи самту ҳаракат таҳлилу баррасӣ гардидаанд. Диссертант ба хулосае омадааст, ки таҳқику пажуҳиши вижагиҳои маъноиву сохтории пешояндҳои ифодагари замон ва самту ҳаракат дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ дар баробари умумиятҳои гуногуни сарфиву наҳвӣ ва маънои луғавӣ доштан, дорои фарқиятҳо низ мебошанд. Дар ҳарду забон пешояндҳои ифодакунандаи муносибати замон ва самту ҳаракатро Ашурмадов Қ.М. ба зермайдонҳои махсус: «ба зуҳури як амал, ҳодиса дар як вақт», «зуҳури як амалу ҳодиса пас аз дигар ҳодиса дар замони муайян», «зуҳури амал дар вақти ду ҳодиса», «мансубияти ҳодиса ба қисми аввали муҳлати вақт», «мансубияти ҳодиса ба қисми интиҳоии вақт», «мансубияти як ҳодиса ба нимаи дуюми вақт», «зуҳури ҳодиса дар вақти муайян» ва амсоли ин ҷудо намудааст.

Дар робита ба ин масъала муаллиф чунин қайд мекунад: "самту ҳаракати пешояндҳо дар ҳарду забон аз рӯйи маъно ба хелҳои зерин ҷудо мешаванд: а) нуқтаи ибтидои ҳаракат; б) нуқтаи интиҳои ҳаракат; в) маҳруки ҳаракат; Пешояндҳо аз рӯйи аломатҳои дифференсиалиашон ба гурӯҳҳои семантикӣ (маъноӣ) гурӯҳбандӣ мешаванд."[Дисс. саҳ. 123] Дар ин росто диссертант муттаҳидшавии пешояндҳоро аз рӯйи умумияти қисматҳои семантикиашон ба инобат гирифта аз рӯйи хелҳояшон дида баромадааст.

Таҳқиқоти вижагиҳои маъноию сохтории пешояндҳои ифодагари маънои замон ва самту ҳаракат дар асоси маводи илмӣ ва ҳамчунин маводи қобили таҳлили ҳолату ҳодисаҳои забонӣ нишон дод, ки пешояндҳо аз воситаҳои басо муҳим ва ҷузъи ногузири корбурди забон ба шумор мераванд. Пешояндҳои ифодаи маънои замон ва ҳамчунин самту ҳаракат, вобаста ба маънои луғавии калимаи тобеъ, ки аксари ҳолатҳоро нишон медиҳанд ва дигар омилу аломатҳои грамматикии ҳамаи ҷузъҳои ин намуди пешояндҳоро муаллиф дар ҳашт тобиши маъноии замон зоҳир менамояд: "1) амалеро

нишон медиҳанд, ки бо замони амали дигар рост меоянд; 2) амал ва замони иҷрои онро нишон медиҳанд; 3) амалеро ифода менамоянд, ки замони иҷрои он умумӣ, номуайян аст; 4) амалеро таъкид мекунанд, ки дар ҳамон вақти муайян такрор ёфтааст; 5) амалеро ифода мекунанд, ки ба самти муайян равона шудааст; 6) амал ва тартиби ҳаракати онро нишон медиҳанд; 7) ба раванде далолат мекунанд, ки ифодаи ҳаракат ба самтеро доранд; 8) тавъам будани ҳаракат ва самти онро нишон медиҳанд."[Дисс.саҳ.130]

Бо ҳамин тартиб, таткиқоти мазкур ба яке аз масъалаҳои мубрами забоншиносии муқоисавӣ, типологӣ ва пажуҳиши вижагиҳои пешояндҳои ифодагари маънои замон ва самту ҳаракат бар мабнои маводи забонҳои тоҷикиву англисӣ бахшида шудааст. Макону фазо, ки дар он самту ҳаракат сурат мегирад, ҳамчунин замону вақт ҳамчун мафҳуми асосӣ дар шуури инсон нақш мебандад ва аз ин лиҳоз, таҳқиқу омӯзиши пешояндҳои ифодакунандаи замон ва самту ҳаракат имкон медиҳад, ки қонуниятҳои замонии олам ва амалу зуҳуроти дар макон ва фазои муайян суратгирифта ба таври комилу возеҳ дарк карда шаванд. Аз ин лиҳоз, ҷанбаи омӯзиши масъалаҳои бо мафҳуми замон ва самту ҳаракат, ки дар макони муайян сурат мегирад, алоқаманд буда, дар забоншиносии муқоисавӣ хеле фарох аст.

Аз таҳқиқоти гузаронидаи диссертант равшан гардид, ки таҳлили маъноӣ ва сохтории пешояндҳо имконияти хусусиятҳои умумӣ ва фарқкунандаи онҳоро дар забонҳои таҳқиқшаванда муайян менамоянд. Илова бар ин, баъзе маъноҳо ва хусусиятҳои фарқкунандаи пешояндҳои мураккаби забони англисӣ, ки то имрӯз мушахас нагардидааст, дар заминаи мисолҳо аз асари интихобшудаи диссертатсия муайян шуда, таҳлил, таҳқиқ ва амиқ карда шудаанд.

Гуфтан ҷоиз аст, ки масъалаҳои аз тарафи диссертант гузошташуда, асосҳои лингвистӣ - таҳлилии маъноӣ ва сохтории пешояндҳо дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ, пурра инъкос шудаанд, ки боиси тавсиф аст.

Дар хулоса муаллиф нукоти асосии таҳқиқотро аз нуқтаи назари назариявӣ ва амалӣ мутобиқи ҳадафҳои гузошташуда дар асоси маводи

мушаххас ба риштаи таҳқиқ кашида, андешаҳои хешро бо хулосаву натиҷаҳои арзишманд ҷамъбаст намудааст.

Ҳамин тавр, диссертатсияи Ашурмадов Қиматалӣ Машарифович дар асоси меъёрҳои нави илмӣ таҳия гардидааст. Тарзу усули иқтибос, таҳияи бобу фасл, хулоса ва феҳристи адабиёт тибқи талаботи меъёрҳои нави таҳияи корҳои илмию таҳқиқотӣ ба роҳ монда шудааст.

Бар замми он, ки диссертатсия пурмазмун ва бо мисолҳои исботкунанда аз тарафи диссертант навишта шудааст, вале ба ҳар ҳол дар диссертатсия баъзе нуқсонҳо ба назар мерасанд:

1. Дар муқаддимаи диссертатсия муҳаққиқ зимни нишон додани асосҳои назарии таҳқиқот ба муҳаққиқони маъруфи ватаниву хориҷӣ ишора менамояд, аммо дар қисматҳои минбаъдаи пажӯҳиш аз назари ин гурӯҳи муҳаққиқон камтар истифода менамояд;
2. Дар қисматҳои ҷудогонаи диссертатсия, маълумоти назариявӣ он қадар зиёд набуда, таваҷҷуҳ ва такя ба олимони соҳа ва дигар манобеи илмию амалӣ камтар сурат гирифтааст;
3. Дар сурати бо хулоса анҷом додани бобҳо натиҷаи пажӯҳиш беҳтар намоён мешуд;
4. Ҷумлаҳои таҳрирталаб ба назар расиданд (с. 29,54, 71,102 ва ғ).
5. На ҳамаи иқтибосҳо ба рӯйхати адабиётҳои додашуда ироа мекунад.
6. Дар баъзе ҷойҳои диссертатсия ва автореферат ғалатҳои услубӣ ва имлоӣ ба чашм мерасанд.

Дар ниҳоят бояд зикр намуд, ки эроду пешниҳодҳои зикршуда моҳияти илмии диссертатсияро коҳиш намедиҳанд ва ислоҳи онҳо имконпазир аст.

Умуман, таҳқиқот дар сатҳи зарурии илмӣ сурат гирифтааст. Муаллиф дониши худро оид ба хуб донистани маводҳо ва адабиётҳои илмӣ нишон дода тавонистааст. Нашри мақолаҳои илмӣ ва баромадҳо дар конфронсҳо гувоҳӣ медиҳад, ки Ашурмадов Қиматалӣ Машарифович ҳамчун муҳаққиқи баркамоли илмӣ омода шудааст. Тамоми мақолаҳои нашрнамудаи муаллиф мӯҳтавои рисоларо бозгӯ мекунад.

Фишурдаи диссертатсия бо забонҳои тоҷикӣ ва русӣ мазмуни рисоларо пурра инъикос менамояд.

Мундариҷаи диссертатсия муқаррароти асосӣ ва хулосаҳои назариявии рисоларо инъикос мекунад, ки он таҳқиқоти комилан анҷомёфта буда, ба талаботи Низомномаи намунавии Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба Шӯрои диссертатсионӣ ва бандҳои 31-35-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30- июни соли 2021, таҳти №267 тасдиқ гардидаанд, ҷавобгӯ мебошад.

Бинобар ин муаллифи диссертатсия Ашурмадов Қиматалӣ Машарифович барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 10.02.20 – забоншиносии муқоисавӣ - таърихӣ, қиёсӣ ва типологӣ сазовор мебошад.


**Доктори илмҳои филологӣ,**
**дотсенти кафедраи забон ва**
**адабиёти руси Донишгоҳи давлатии**
**Бохтар ба номи Носири Хусрав** **Юсупова Зарина Розиқовна**

**Почтаи электронӣ: zarina1966@lisn.ru**
**Телефон: (+992) 777 17 75 24**


**Имзои Юсупова З.Р.-ро тасдиқ мекунам.**
**Сардори шуъбаи кадрҳо ва корҳои махсуси**
**ДДБ ба номи Носири Хусрав** **Шукурзод Ҷ. А.**


**Суроға: 735140, ш. Бохтар, Ҷумҳурии Тоҷикистон, кӯчаи Айнӣ 67,**
**тел: (8-32-22) 2-54-81, (8-32-22) 2-22-53**


**14.04.2003**